Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраки донишдҷён, бинои таълимии 7)

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич ба диссертатсияи Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович дар мавзуи «Самтҳои асосӣ ва роҳҳои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм**

Диссертатсия ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси Молия - 6D050900 (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), мувофиқат мекунад: банди 2. Молияи давлатӣ, ҳудудӣ ва маҳаллӣ, зербандҳои: 2.4. Пешгӯӣ ва банақшагирии буҷетию андозӣ дар иқтисоди бозорӣ; 2.5. Танзими андозии бахшҳои иқтисодиёт; 2.6. Назарияи бунёди системаи буҷетию андозӣ; 2.9. Асосҳои назариявӣ, афзалиятҳои сиёсати андозӣ ва самтҳои асосии ислоҳоти низоми андозӣ; 2.16. Сиёсати буҷетию андозии давлат дар иқтисоди бозорӣ; 2.20. Шаклдигаркунии низоми буҷетию андозӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушди иқтисодиёт: фишангҳо ва амсилаҳои мутобиқсозӣ; 3.14. Назария, методология ва консепсияҳои бунёдии андозбандии субъектҳои хоҷагидор; 3.16. Мониторинги саҳми андозии субъектҳои хоҷагидор; 3.17. Таҳқиқоти вобастагии байни нарх ва андозбандӣ; 3.19. Назарияи қабули қарорҳо ва методҳои идоракунии хавфҳои молиявӣ ва андозӣ; 3.30. Баҳисобгирии андоз ҳамчун унсури андозбандӣ.

**Мубрамияти мавзӯи диссертатсия**

Дар ҷомеаи муосир андозҳо шакли асосии даромади давлат мебошанд. Онҳо на фақат захираи молиявиро барои хароҷоти давлат таъмин мекунанд, балки аз ҷониби давлат ҳамчун як механизми идоракунии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ истифода бурда мешаванд. Ташкили низоми самараноки андозбандӣ аз вазифаҳои асосии давлат ба ҳисоб меравад, ки аз ҳалли онҳо рушди иқтисодӣ ва некуаҳволии давлат вобаста мебошад.

Аз ин рӯ, андозҳо ва низоми андоз на танҳо сарчашмаи даромадҳои буҷетӣ, балки унсури муҳимтарини сохтории иқтисодиёти бозорӣ мебошад. Дар сатҳи иқтисоди миллӣ, хусусан танзими гаронии андоз дар сатҳи давлат ва нақши андозҳо хеле назаррас аст. Бахусус, дар шароити иқтисоди бозорӣ танзими гаронии андоз дар таъмини нишондиҳандаҳои маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ нақши бағоят бузург дорад.

Қайд кардан лозим аст, ки афзоиши даромади буҷети давлатӣ, пеш аз ҳама, аз ҳисоби рушди воқеии соҳаҳои иқтисодиёт, ки тавассути танзими гаронии андоз таъмин карда мешавад. Васеъ намудани доираи андозбандӣ ҳангоми фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкорӣ ва бахши хусусӣ, беҳтар ба роҳ мондани баҳисобгирии андозсупорандагон ва объектҳои андозбандӣ бояд амалӣ карда шавад.

Сиёсати давлатии андозро мебояд хусусияти мутавозин дошта бошад. Дар чунин вазъият омили рушди босуръати болоравии иқтисод хоҳад гардид. Паст будани сатҳи гаронии андоз ба воридшавии сармояҳои мустақими хориҷӣ таъсири хеле мусбӣ мерасонад. Он имконияти саромоягузории соҳибкорони ватаниро низ хеле афзун хоҳад гардонид. Мутавозинии сиёсати андоз ба сохти таркибии саромоягузориҳо таъсири мусбӣ расонида, ҳиссаи маблағгузориҳои дарозмуддатро боло мебардорад, зеро ҳар қадар сатҳи гаронии андоз паст, устувор ва пешгӯишаванда бошад, ҳамон қадар сармоягузорон ба сохтмони саноати калон, хусусан, саноати вазнин рағбат пайдо хоҳанд кард. Чунин алоқамандӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун ҷузъи таркибии иқтисоди ҷаҳонӣ айни замон дар марҳилаи ислоҳотҳои иқтисодӣ қарор дорад аз пай ҷустуҷӯи роҳҳои коҳиш додани гаронии андоз мебошад, ки ҳама субъектҳои андозбандиро қаноатманд намояд. Ин ҷараён аз солҳои аввали истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз ёфта, ҳоло бомаром идома меёбад. Дар шароити муосири иқтисодӣ, муносибатҳои андозӣ яке аз фишангҳои танзими рушди иқтисодии кишвар маҳсуб ёфта, аз дуруст ба роҳ мондани онҳо, рушди минбаъдаи соҳаҳои он вобастагии калон дорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.**

**Навоварии илмии тадқиқот** мувофиқ ба ҷанбаҳои назариявию методии танзими гаронии андоз ва дарёфти роҳҳо ва самтҳои танзими он дар шароити рақмикунонии кишвар ба ҳисоб меравад.

Натиҷаҳои муҳимтарини тадқиқот аз инҳо иборат аст:

1. Дар асоси омӯзиши таҳаввулоти назариявии гаронии андозҳо маълум гардид, ки нисбати истилоҳи мазкур назари ягона вуҷуд надорад. Таърифи муаллиф ин аст, ки гаронии андоз дар сатҳи субъектҳои хоҷагидорӣ ҳамчун

нишондиҳандаи нисбӣ ҳисоб карда мешавад, ки ҳиссаи андозҳои ҳисобшударо дар даромади умумӣ тавсиф мекунад;

2. Бартарӣ ва нуқсонҳои усулҳои ҳисоб кардани гаронии андозро омухта, методикаи муалифии худро барои ҳисоб намудани гаронии андоз пешниҳод намудем, ки ҳолати воқеии ҳисоб намудани гаронии андозро то дараҷаи муайян инъикос менамояд;

3. Таҷрибаи ҷаҳонии андозбандӣ аз нуқтаи назари танзими гаронии андоз таҳлил карда, механизмҳо ва воситаҳои нави муносибатҳои байни андозсупорандагон ва мақомоти андоз муайян карда шуда, истифодаи таҷрибаи Федератсияи Россияро дар муносиб гардонидани он ба низоми миллии андоз мебояд ба таври васеъ истифода бурд;

4. Масъалаҳои танзими гаронии андоз аз нуқтаи назари муносибатҳои институтсионалӣ муайян гардидааст, ки мақомоти андози ҶТ ҳамчун мақоми ваколатдор, баҳри назорати воридотҳои андозӣ ба буҷет ба ҳисоб рафта, якчанд маротиба ислоҳотҳои андозиро баҳри коҳиш ва муътадил нигоҳ доштани гаронии андоз гузаронидааст;

5. Ҳолати сатҳи гаронии андозро дар ҷумҳурӣ вобаста ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ муайян карда шудааст ва яке аз роҳҳои коҳишдиҳии гаронии андозро дар имтиёзҳои андозии хусусияти инфиродидоштае мебинем, ки сатҳи гаронии андозро ба эътидол медароранд ва шахсро аз пардохт кардани андоз қисман ва ё пурра озод менамоянд;

6. Модели эконометрикии коэффитсиентҳои таносуби ҷуфтшуда таҳия шудааст, ки таъсири даромадҳои андозро аз нишондиҳандаҳои иқтисодӣ нишон медиҳад, дурнамои даромадҳои андоз, ММД ба сари аҳолӣ, буҷети давлатӣ, гаронии андоз ба сари аҳолӣ, гаронии андоз ба сари андозсупорандагон таҳия шудааст ва барои танзими гаронии андоз дар ҶТ тавсияҳо пешниҳод шудаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, баррасии натиҷаҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии кор 194 саҳифаи матни компютериро дарбар гирифта, ки аз расмҳо ва ҷадвалҳои зиёд, рӯйхати адабиёт, ки аз 162 номгӯй иборат аст, таркиб ёфтааст.

**Дар боби аввал – «Асосҳои назариявию методии танзими гаронии андоз»** аз нигоҳи таҳаввулоти назариявии танзими гаронии андоз, асосҳои методии танзими гаронии андоз ва таҷрибаи хориҷӣ дар танзими гаронии андоз таҳлил карда шудааст.

Зимни омӯзиши асосҳои назариявии танзими гаронии андоз, унвонҷӯ диққати махсусро ба ақидаю андешаҳои мактабҳои гуногуни иқтисодӣ нигародиааст, ки мазмуни таҳлилро мукаммал ва асоснок намудааст. Дар ин замина, қайд карда шудааст, ки намояндагони мактаби «Меркантилист» бо танқид аз андозбандии ғайримустақим ҳарф мегуфтанд, яъне андозҳои ғайримустақим, ки ба нархи молу маҳсулот зам карда мешавад, метавонад дар оқибати кор ба истеъмолкунанда ҳолати гарониро ба вуҷуд орад. (саҳ 7).

Яке аз натиҷаҳои назаррас дар диссертатсия он мебошад, ки фикру ақидаҳои олимону матафакирон роҷеъ ба гаронии андоз оварда шудааст. Унвонҷӯ қайд мекунад, ки соли 1928 К. Ф. Шмелев зери таъсири пардохтҳои ҳатмӣ ё андозҳо, мафҳуми гаронии андоз дар назар дошт. Барои тавқият бахшидани таърифи худ К. Ф. Шмелев дар тавзеҳоти худ таърифи К. Брауэрро меорад, ки он чунин аст: «...зери мафҳуми гаронии андоз, ҳамчун пешниҳоди як воҳиди ҷамъиятӣ (андозсупоранда ё агенти андоз) бо мақсади муайян намудани пардохтпазирии он нисбат ба иҷрои уҳдадориҳои андозӣ ё қобилияти пардохтпазирии андозӣ фаҳмида мешавад». Яъне, аз ҳисоби пардохтҳо ва андозҳо, вазнинӣ ва сахтиҳо ба души пардохткунанда ба миён меояд. (саҳ. 24).

Яке аз натиҷаҳои арзишманди диссертатсия дар он ифода мегардад, ки дар натиҷаи таҳлили васеъи назарияҳо ва ақидаҳои гуногуни олимони ватанӣ ва хориҷӣ доир ба масъалаҳои танзими гаронии андоз, унвонҷӯ дар тавсири муаллифии худро нисбати мафҳуми «гаронии андоз» пешниҳод намудааст, ки «гаронии андоз – хусусияти умумии низоми андози кишваро нишон медиҳад. Барои баҳодиҳии миқдории он, маблағи андозҳо, ҳиссаи онҳо дар ММД ё даромади категорияҳои алоҳидаи пардохткунандагон истифода мегардад». (саҳ. 23).

Дар доираи таҳқиқи мазкур муайян ва исбот карда шудааст, ки аз сабаби мавҷуд набудани дастгоҳи консептуалии ифодакунандаи мафҳуми «гаронии андоз», аз ҷониби муалифон таърифҳои гуногун ба вуҷуд омадааст. Ҳангоми таърифи «гаронии андоз», мафҳумҳои «вазнинии андоз», «фишори андоз», хеле зиёд истифода мешаванд.

Ба ақидаи дисертант айни замон таърифи шабеҳи ин истилоҳ вуҷуд надорад. Он ҳам ҳамчун «ченаки маҳдудиятҳои иқтисодӣ, ки аз ҳисоби тарҳ кардани маблағҳо барои пардохти андозҳо ба вуҷуд омадааст » арзёбӣ гардидааст. Он ҳамчун «...маҷмуи андозҳо, боҷҳо ва дигар пардохтҳое, ки шабеҳ ба пардохтҳои андозӣ, боҷҳоянд, ки бо ифодаи пулӣ ҳисоб карда шудаанд ва ҳамчун уҳдадории пардохтӣ тибқи қонунгузории амалкунанда ба зиммаи андозсупоранда вобаста ба иҷрои маблағҳои мушаххас – амалиёти тиҷоратӣ ва ё дигар амалҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳаммиятдошта, ки аз рӯйи мавҷудият, амалӣ гаштани онҳо, ягонагӣ ва алоқамандии онҳо, ки боиси пардохти андозҳо дар давраи андоз ба буҷет бечунучаро, бебозгашт ва беподош пардохт мегардад, ҳисобида мешавад». (саҳ. 32).

Дар диссертатсия муаллиф диққати махсусро ба таҷрибаи хориҷи оид ба танзими гаронии андоз нигаронидааст. Дар натиҷа ҷиҳати рушди низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳодҳои илман асоснокгардида

пешниҳод гардида, қайд менамояд, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба амал меоянд, боиси афзоиши нақши корпоратсияҳои трансмиллӣ дар иқтисодиёти кишварҳои рӯ ба тараққӣ мегардад. Чунин дигаргуниҳо дар ҷаҳон низ боиси характери ислоҳоти андоз низ мегардад. Яъне баланд будани гаронии андоз фаъолияти соҳибкориро дар кишвар коҳиш медиҳад ва соҳибкоронро водор мекунад, ки роҳҳои фирор аз андозро ҷустуҷӯ кунанд. (саҳ. 65).

**Дар боби дуюм – «Ҳолати муосир ва асосҳои институтсионалии танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** таҳлили ҳолати муосири танзми гаронии андоз, асосҳои иститутсионалии танзими гаронии андоз ва мушкилотҳои танзими гаронии андозро дарбар мегирад.

Дар боби дуюм саҳми таҳилҳои муаллиф арзишманд буда, доир ба масъалаи таҳилшаванда қайд мекунад, ки дар айни замон рушди иқтисодии ҳар як кишвар бештар аз даромадҳои андозӣ ва ғайриандозии он вобастаги дорад. Аз ин рӯ, чунин мешуморад, ки давлатҳо бо мақсади баланд бардоштани даромаднокии буҷет манбаъҳои гуногуни даромадро ҷӯё мегарданд ва ба хазинаи давлат онҳоро тавассути сиёсати молиявии худ ҷамъ оварда, барои рушди минбаъдаи иқтисодиёти кишвари худ истифода мебаранд. (саҳ. 67)

Дисертант қайд менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми сӣ сол дигаргунсозии иқтисодӣ ва амалӣ намудани тағйироти бозорӣ бо истифода аз таҷрибаи муайяни истифодаи воситаҳои бозорӣ ҷиҳати татбиқи танзими давлатии иқтисодиёт амалӣ гаштааст. Ташаккули низоми андоз дар шароити дигаргунсозии куллии иқтисодӣ, тавасути озмоиш ва аксаран ба таври механикӣ ворид гардидани баъзе хусусиятҳои низоми андози муосири Ғарб ба сарзамини тоҷикон бидуни ба инобат гирифтани вижагиҳо ва рушди иқтисоди миллӣ ба вуҷуд омадааст, ки ин тазоҳурот ба исёни андозсупорандагон бархӯрдааст.

Аз ин лиҳоз, бо дарназардошти ҳолатҳо ва имкониятҳои ҷойдоштаи низоми буҷет Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади зиёд гардонмидани даромадҳои буҷетӣ сиёсати андозию буҷетиро пеша намуд. Дар ин давра яқатор санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқии андозбандӣ аз соли 1992 қабул гардид, ки ҳолати гаронии андозро вуҷуд овард. (саҳ. 68)

Яке аз натиҷаҳои арзишманди диссертатсия, дар он зоҳир мегарднд, ки ташаккули низоми андози дар Ҷумҳурии Тоҷикстон нишондиҳандаҳои васеъи он аз ҷониби муаллиф таҳлил карда шуда, қайд гардидааст, ки дар ғанигардонии буҷети давлатӣ нақши андозро ҳадафҳои он дар сиёсати

давлатӣ, аз қабили таъмини имтиёзҳо ба андозсупорандагон, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди иқтисоди миллӣ ва ба эътидол овардани сатҳи бори андоз дар кишварҳои муосири ҷаҳон муайян мекунад ва бояд бодиққат омухта, таҳлил ва тафтиш карда шавад. Албатта, дар ин равандҳо ва бахусус ҳавасмандгардонӣ, ки тавассути додани имтиёзҳо сурат мегирад, ба ташаккули низоми ҳуқуқии андоз таъсир мерасонад. Аммо дуруст аст, ки истифодаи бесамари низоми андоз на танҳо ба қишрҳои алоҳида, масалан, корхонаҳои хурд, балки умуман ба тамоми ҷамъият таъсир мерасонад.

Арзишмандии натиҷаҳои дигари диссертатсия, дар он ифода мегарданд, ки дар шароити муосир ҳамаи омилҳое, ки ба гаронии андоз таъсири зиёд мерасонанд, аз тарафи муаллиф дар асоси таҳлилҳои васеъи нишондиҳандаҳои соҳаи мазкур таҳлил шудааст. Аз ҷониби муаллиф таҳкид мегардад, ки низоми андозбандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун як рукни асосии давлатдорӣ, баъди ба даст овардани истиқлолият дар шароити таъсири омилҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ташаккул ёфтааст, мебояд муносиб гардонида шавад ба шарту фазои кунунӣ, зеро дар ҳолати зиёд будани номгӯи андозҳо ва меъёрҳои андозӣ, сабаб асосии афзудани сатҳи гаронии андоз дар кишвар мегардад. (саҳ. 90).

Дар раванди таҳлил, дақиқан исбот шудааст, ки омилҳои таъсиррасон ба рушди низоми андоз таъсирҳои манфию мусбии худро мерасонанд. Муаллифи диссертатсия доир ба ин, чунин ибрози андеша дорад, ки аҳаммияти андозбандӣ ва самти сиёсати андоз, омилҳои муайянкунандаи баҳодиҳии самараноки ҷараёни молиявии кишвар мебошанд. Дар омӯзиш ва таҳқиқи сиёсати андоз, мавзӯи аз ҳама муҳимтарин таъсири андозҳо ба субъектҳои муносибатҳои иқтисодӣ мебошад. Зеро мушкилотҳо ифодагари тавонои давлат ҷиҳати муқаррар намудани андозҳо, ки дар он манфиатҳои тарафайн дар раванди буҷет (давлат, андозсупорандагон) ба инобат гирифта мешавад, баррасӣ намудан лозим аст. (саҳ. 106).

саҳми назаррас ва арзишмандии муаллифи диссертатсия дар он мебошад, ки мушкилотҳо дар танзими гаронии андоз ба он хотир таҳлил мегардад, ки бидуни бунёди низоми муносибкунонии самараноки андоз, рушди иқтисоди миллии кишвар ва умуман давлат ғайриимкон аст. Дар баробари ин, дар баҳогузории иқтисодиёт, маҳз гаронии андоз яке аз нишондиҳандаҳои муҳимтарин ба шумор меравад. Масалан, дар ҳангоми кам будани сатҳи гаронии андоз, суръати баланди рушди иқтисоди миллӣ ва механизми азнавтақсимкунии даромади миллиро тасаввур кардан мумкин . Дар воқеъ таъсири баракси он низ имконпазир аст, ки бо сабаби зиёд будани

сатҳи гаронии андоз фаъолияти соҳибкорӣ дар пешбурди фаъолияти худ ба мушкилоти ҷиддие дучор шуда, фаъолияташро қатъ мекунад. . (саҳ. 107).

**Дар боби сеюм - «Стратегияи танзими гаронии андоз дар шароити муносибатҳои бозорӣ»** самтҳои афзалиятноки танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳҳои коҳишдиҳии гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои сиёсати андоз ва самтҳои паст намудани гаронии андозро мавриди таҳлил қарор дода шудаанд (саҳ. 122-177).

Дар боби мазкур натиҷаҳои илман асоснок гардида, дастовардӣ илмии диссерртатсия мансуб меёбанд. Зимнан, дар диссертатсия исбот шудааст, ки дар шароити муносибатҳои бозаргонӣ, омӯзиши масъалаҳои идоракунии давлат, махсусан дар самти танзими гаронии андоз, муайян намудани мазмуну моҳияти гаронии андоз, муқаррар намудани меъёрҳои ҳуқуқии танзими он аҳамияти калон дорад. Мувофиқ ба сиёсати самарабахши молиявӣ, давлатро мебояд, ки танзими муносибатҳои андозиро ҳавасманд гардонанд, зеро онҳо қодиранд иҷрои амалии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмиро ба ҳамаи сатҳҳои буҷетҳо таъмин намояд. (саҳ. 122).

Аҳамияти махсуси илмию амалиро андешаҳои муаллиф дар самти танзими гаронии андоз ташкил мекунанд. Андешаҳои худро илман исбот намуда, қайд кардааст, ки амалӣ гардидани низоми муосири андозҳо тавасути танзими давлатии муносибатҳои андоз зарур ва муҳим дониста шуда, рушди оқилонаи он имкон медиҳад, ки самаранокии фаъолияти субъектҳои иштироккунандаи раванди андоз дар ҳолати ба вуҷуд омадани муносибатҳои андозӣ таъмин карда шавад. Чунин иқдом давлатро вазифадор менамояд, ки корҳоро вобаста ба татбиқи вазифаи танзими давлатии низоми андоз, пурзур кунад. . (саҳ. 124)

Аз тарафаи муаллиф муҳим арзёбӣ гардидааст, ки раванди банақшагирӣ, ки худ яке аз самтҳои афзалиятнок дар танзими гаронии андоз ба ҳисоб меравад, имрӯз на дар он сатҳи лозима амалӣ мегардад. Яъне, ташбеҳ дода мешавад ба аксарият андозсупорандагоне меравад, ки доир ба уҳдадориҳои худ ба сохторҳои мақомоти андоз муроҷиат намекунанд. Яъне бори вазнини андозро ба дӯш мегиранданд ва доир ба ҳолати кунинии методологияҳои ҳисоб ва пардохти андозҳо аз нозирони андоз пурсон намегарданд, сабаби онро мо дар сатҳи пасти маърифати андозии аксарият андозсупорандагон ташбеҳ медиҳем. Чунин меҳисоб, ки ҳолати мазкур танҳо дар ҳоле ҳали худро пайдо мекунад, дар ҳоле ки роҳҳои баҳри баланд бардоштани маърифати андозии андозсупорандагон, ки дар боло қайд намудем, дар Барономаи рушди маъмурикунонии андоз, ки дар заминаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳрезӣ гардидааст, ворид гардад. (саҳ. 129)

Андешаҳои муаллиф дар самти танзими гаронии андоз ба маврид буда, дар шароити кунуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баромадани он аз гумбасти камуникатсионӣ, такмили амалии механизми танзими гаронии андоз барои рушди субъектҳои соҳибкорӣ аҳамияти хоса дорад. Вобаста ба ин унвонҷӯ қайд менамояд, ки дар адабиёти муосири илмӣ ва амалӣ оид ба омӯзиши муайянкунии гаронии андоз, таъсири имтиёзҳои андоз ба нишондиҳандаҳои иқтисодии кишвар ва оқибатҳои он дар сохтори давлатӣ, аҳаммияти муҳими амалӣ дошта, мушкилотҳои мушаххасеро баррасӣ менамояд. (саҳ. 141)

Дисертант вобаста ба мавзуи мазкур байён намудааст, ки дастгириҳои давлатӣ дар бахшҳои гуногун, тавасути додани имтиёзҳо амалӣ мегардад. Татбиқи имтиёзҳо дар бахшҳо, метавонад ҳавасмандгардониҳоро ба вуҷуд орад. Ҳамзамон ҳангоми истифодаи имтиёзҳо, андозсупорандагон аз пардохти андоз пурра ва ё қисман озод мегарданд, ки ин ҳолат ташаббусҳоро дар рушди иқтисодиёт ба вуҷуд меорад ва сатҳи гаронии андозро ба эътидол медарорад. (саҳ. 146)

Яке аз натиҷаҳои муҳими илмӣ ва арзишмандии диссертатсия он мебошад, ки муаллиф бо истифода аз модели пешбинии сеомила дар диссертатсия даромадҳои андозӣ, ММД ба сари аҳолӣ, гаронии андоз ба сари аҳолӣ ва гаронии андоз ба сари андозсупорандагонро то давраи соли 2030 пешгӯи намудааст. (саҳ. 175)

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин тавсияҳое, ки аҳамияти назариявӣ-амалӣ доранд, дар хулоса ва пешниҳодҳо оварда шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Ақидаҳои асосии назариявӣ-методӣ, асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ – методии танзими гаронии андоз ва таҳияи тавсияҳои амалӣ дар содагардонии низоми андоз саҳмгузор мебошанд.

Диссертатсияи тақризшаванда бо сабки хуби илмӣ навишта шуда, дар он пайдарҳамии мантиқии зикри масъалаҳои баррасишаванда ва муайян кардани муқаррароти асосӣ риоя гардидааст. Мустақилияти муаллиф дар ифшои ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва ҳалли мушкилоти амалии танзими гаронии андоз мушоҳида мешавад. Ҳамчунин таҳқиқот дорои пойгоҳи воқеъбинонаи далелҳо мебошад. Муаллифи диссертатсия объект ва предмети таҳқиқотро дуруст муайян карда, мақсад ва вазифаҳои муносибро муқаррар кардааст. Дар таҳқикот усулҳои муосири илмии ба вазифаҳои гузошташудаи он мувофиқ истифода шудаанд.

Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо саҳеҳии муқаррароти асосӣ ва эътимоднокии хуло саҳо ва тавсияҳои таҳиягардида тасдиқ мешавад. Дар навбати худ, саҳеҳии муқаррароти асосии диссертатсия бо он муайян мегардад, ки довталаби дараҷаи илмӣ ҷиҳатҳои асосӣ, хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршударо бо такя ба омӯзиши корҳои илмии олимон ва муҳаққиқони ватанию хориҷӣ оид ба танзими гаронии андоз таҳия карда, онҳоро дар конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба тасвиб расонидааст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо назардошти таҳлилу арзёбиҳои гузаронидашуда, кофӣ будани ҳаҷми кори диссертатсионӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва таълифоти муаллиф эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тасдиқ мегардад. Дар амалия хулоса ва тавсеаҳо барои татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва дар асоси таҳлили илмӣ ҷанбаҳои назариявию таҷрибавӣ бароварда шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳад. Дар хулоса натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ буда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар асоси таҳлили натиҷаҳои илмӣ-амалии таҳқиқот омода шудаанд.

Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои илмии таҳқиқот бо матни диссертатсия ҳамбастагии мантиқӣ доранд ва аз вазифаҳои гузошташуда бармеоянд. Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок буда, моҳияти таҳқиқотро инъикос мекунанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

**Аҳамияти илмии** таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асосноккунии назариявӣ ва методии такмили механизми низоми андоз дар асоси консепсияҳои муосири иқтисодӣ зоҳир мешавад. Дар диссертатсия аз ҷиҳати назариявӣ мундариҷаи иқтисодии мафҳуми «гаронии андоз» таҳқиқ шудаанд. Равишҳои танзими гаронии андоз ва унсурҳои таркибии он аз ҷиҳати назариявию методӣ шарҳ дода шудааст. Ҳамчунин механизми такмили низоми андоз дар шароити иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози мукаммалгардонии заминаҳои қонунгузорию меъёрӣ баррасӣ гардида, роҳҳои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

**Аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ** дар он зиҳир мегардад, ки пешниҳод ва тавсияҳои дар диссертатсия коркардшударо ба сифати воситаи тасҳеҳи сиёсати андозӣ ба мақсади боз ҳам коҳиш додани гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. Пешниҳодҳои

мушаххаси муаллифро ҳангоми таҳияи лоиҳаи стратегияю барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти андоз истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳамияти иқтисодӣ натиҷаҳои диссертатсия** дар он аст, ки пешниҳодҳои оварда шуда метавонанд рушди низоми андозро дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ ва такомули он мусоидат намоянд, ки низоми мазкур, рушд ва фаъолият устувор дошта бошад. Усутвори низоми андоз, амнияти иқтисодии бозори молиявиро таъмин намуда, иқтидорӣ андозиро афзоиш дода, самарнокии иқтисодиёти миллӣ боло мебарад. Ҳамчунин, тадбиқи натиҷаҳои диссертатсия ба афзоишёбии ҳаҷми пардохтҳои андозӣ мусоидат намуда, шароити молияви кишварро таъмин менамояд.

**Аҳамияти иҷтимоӣ натиҷаҳои диссертатсия**. Муқароротҳои диссертатсия барои васеъ намудаи шаклҳои нав ба нави хизматрасониҳо, ташкили ҷойҳои нави корӣ, рушди сатҳи некуаҳволӣ, расмиёти қулайи бақайдгирӣ ва таъмини бозори дохилӣ бо молу маҳсулоти ватанӣ мегардад. Ҳамчунин, имконият фароҳам оварда мешавад, ки иқтисодиёти ғайрирасмӣ дар соҳаи иҷтимоӣ коҳиш ёфта, соҳаи иҷтимоиро боло баранд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Мақолаҳои нашршудаи муаллиф таркиби асосии рисолаи диссертатсияро фаро гирифта, аз 14 мақолаи илмӣ дар умум 9,88 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 5,88 ҷузъи чопӣ аз муаллиф) иборат мебошад, ки аз он 5-то дар маҷаллаҳои пешбари илмӣ, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, нашр гардидаанд. Инчунин, муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ баррасӣ гардидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атесстатсионӣ**

Диссертатсияи Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович дар мавзуи «Самтҳои асосӣ ва роҳҳои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, сохтор ва муҳтавои он ба талабот барои додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, омода намудани диссертатсия, ташхиси диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи дар «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) муайяншуда ҷавобгӯ мебошад.

Забони навишти диссертатсия сода ва фаҳмо буда, дар он талаботи дахлдор оид ба ороиши корҳои илмӣ риоя шудаанд. Мақолаҳои доир ба мавзуи диссертатсия нашркардаи муаллиф паҳлуҳои асосии таҳқиқотро инъикос мекунанд. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобид.

Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд ва метавонанд дар такомули низоми андози дар Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ истифода бурда шаванд.

Автореферати диссертатсия, ки мутобиқи талаботи муақарраршуда таҳия карда шудааст, мақсад ва муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос мекунад.

**Эрод ва тавсияҳо доир ба диссертатсия**

Дар қатори бартариятҳо таҳқиқоти диссертатсионӣ норасогиҳое низ дидан мумкин, ки ба онҳо дохил мешаванд:

1. Мавзуи таҳқиқшаванда хеле фаррох буда, дар оянда васеъ намудани объекти таҳқиқотро тақозо мекунад.
2. Муаллиф дар параграфи 1.1. ақидаҳои олимон ва муҳаққиқони ватанию хориҷиро оид ба тафсири гаронии андоз алоқаманд, тавассути иқтибосҳо аз адабиёт овардааст, вале на дар ҳама ҳолатҳо фикри худро доир ба иқтибосҳои овардашуда пурра манзур кардааст.
3. Дар параграфи 2.2 асосҳои институтсионалии танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таври муфассал дар алоҳидагӣ баён гардида, натиҷаи таҳқиқ дар пайи он бо таври ҷузъи дарҷ карда шудааст. Агар хуло саҳои муаллифӣ аз натиҷаҳои таҳқиқи асосҳои институтсионалии танзими гаронии андоз дар шароити кунунӣ дар шакли ҷадвал ҷамъбаст мегардид, ин бозҳам саҳми илмии муаллифро балантар инъикос менамуд.
4. Дар параграфи 2.2, саҳ.94 омилҳои таъсиррасон ҷиҳати коҳиш додани гаронии андоз дар низоми милли андоз мавриди таҳлил қарордода, аҳамият ва сатҳи таъсири он ба ташаккул ва рушди низоми андоз арзёбӣ карда шудаанд. Вале, хуб мешуд агар дар кор сатҳи таъсири ҳар як омил ба низоми андоз дар шакли умумӣ ё худ интегралӣ тасвир карда мешуд. Зеро ин амал метавонист боз ҳам асос барои гурӯҳбандии омилҳо вобаста аз мавқеъ гардад.
5. Дар саҳ.142 рисола, хароҷотҳое, ки ҳангоми муътадил будани меъёрҳо таъсири мусбии андозҳоро ба вуҷуд меояд нишон дода шудааст. Вале хуб мешуд агар омилҳои таъсирбахш ба рушди фаъолияти субъектони хоҷагидор ва давлат, ки дар пайи он чунин хароҷотҳо ба миён меояд, мушахас баён мегардид. Зеро, дар сурати тасвири самараи омилҳои муайянгардида барои бахши давлатӣ ва субъектони хоҷагидор, саҳми илмии муаллифро боз ҳам ошкортар мегардонид.

6. Диссертатсия фарогири ҷанбаҳои танзими гаронии андоз мебошад, вале ба масъалаи воридоти андозҳо ба буҷети давлат ҳангоми коҳишёбии гаронии андоз асосӣ диққат дода нашудааст. Хуб мебуд, сарчашмаҳои ивазкунандаи воридотҳои андозӣ дар рисолаи илмӣ нишон дода мешуд, ки чунин нишондиҳанда, заминаи навгониҳои илмии дар дисертатсия гардида, сифати рисоларо боз ҳам баландтар менамуд.

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои номбаршуда ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва сатҳи назариявию амалии онро коҳиш намедиҳанд.

## Хулоса

Умуман, рисолаи илмӣ дар сатҳи баланди илмӣ ва амалӣ анҷом дода шудааст, он кори анҷомёфтаи илмӣ ва тахассусӣ мебошад.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович дар мавзуи «Самтҳои асосӣ ва роҳҳои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Дадоматов Д.Н.**

***Имзои д.и.и., профессор Дадоматов Д.Н.-ро тасдиқ менамоям:***

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент** **Бобоев А.Х.**

07.08.2024

Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Ҳуҷанд, 17 мкр-н.,
хонаи 1, E-mail: dalerdn@mail.ru.
Тел:+992 (92) 856 66 65, Факс:+992 (94) 856 66 65